**Суратмаҷлиси №2**
**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-082-и назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

аз «28» июли соли 2025 ш.Бохтар

**Иштирок доштанд:** аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доранд, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсия 5 нафар.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-082 28- уми июли соли 2025, дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67) баргузор гардид.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои таърих, профессор Қурбонов Б.Р.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои таърих, Ҷалилов М.Ш.

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии 6D.KOA-082, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми декабри соли 2024 таҳти №443/шд тасдиқ гардидааст, 11 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Кворум ҳаст, ҳамин тавр мувофиқи Низомнома дар бораи ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзадӣ шурои диссертатсионӣ ҳуқуқ дорад ҷаласаро оғоз кунад оиди оғози кори шуро чигуна пешниҳод аст? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул карда шуд.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик).

1. Диссертатсия дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи номи Носири Хусрав ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Алимов Давлаталӣ Халилович доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муқарризони расмӣ:**

1. **Зикриёева Малика Файзиевна** – аъзои шуро, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ
2. **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна** - номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи пешбар:** Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои таърих, профессор Қурбонов Б.Р. кори шурои диссертатсиониро оғоз намуд.
2. **Котиби илмии шуро:** номзади илмҳои таърих, Ҷалилов М.Ш. маълумотҳои мухтасарро дар бораи унвонҷӯ қироат намуд.
3. **Унвонҷӯ:** Файззода Рамазон Хурсанд мазмуни мухтасари диссертатсияро баён кард.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзоёни шуро Абдуллоев М., Баротов М., Зикриёева М. ки вобаста ба мавзуи диссертатсия буданд, ҷавоб дод.

**Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ** Алимов Давлаталӣ Халилович доктори илмҳои таърих, профессор, мудири кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

Тақризи муассисаи пешбар Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Акдемияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) бо имзоҳои раиси ҷаласа, доктори илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи таърихи навтарини, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Акдемияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдурашидов Ф.М., ташхисгар, доктори илмҳои таърих, профессор сарходими илмии шуъбаи таърихи навтарини, Институти

таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Акдемияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абулҳаев Р., ва котиби ҷаласа – Раҷабова Умеда бо суратҷаласаи №11, аз 30 июни соли 2025 таҳия шуда, аз ҷониби директори муассиса Муродзода Аҳмадхон Амрохон аз 2 июли 2025 тасдиқ карда шудааст, имзо гузоштаанд.

Мазмуни тақриз мусбат буда, дар он мубрамияти мавзуъ, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он ва инчунин саҳми худи муаллиф зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

**Баромад ва тақризи муқарризони расмӣ:**

1. **Зикриёева Малика Файзиевна** – аъзои шуро, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ

2. **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна -** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Баромад ва тақриз ба автореферат:**

Ба Шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-082 аз номи шахсони зерин 3 тақризи ғайрирасмӣ ба автореферати **Файззода Рамазон Хурсанд** ворид шудаанд, ки дар онҳо дар хусуси мувофиқ будани диссертатсия ва автореферат ба талаботи муқараркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва арзанда будани муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.02– Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) хулосаҳо вуҷуд доранд.

1. **Акризоев Мақсуд** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва фалсафаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёби шудааст.

**2. Иззатов Умедҷон Хуршедович** – номзади илмҳои таърих, муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Тақриз мусбат аст.

**3. Мамадсалимов Насим Абдуллазизович** – номзади илмҳои таърих, и.в. дотсент, декани факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ “Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев”. Тақриз мусбат мебошад.

Ҳамаи муқарризоне, ки тақризҳои худро ба автореферати **Файззода Рамазон Хурсанд** пешниҳод кардаанд, қайд намудаанд, ки ин таҳқиқот мубрам буда, дорои арзиши амалӣ мебошад ва сарфи назар аз баъзе камбудиҳо ба хулосае омадаанд, ки довталаби дараҷаи илмӣ **Файззода Рамазон Хурсанд** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) сазовар мебошад.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии унвонҷӯ шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои гузарондани овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳайати 3 нафар аъзоёни шурои диссертатсионӣ: Абдулзода З.Н., Баҳодуров Б.Ф., Баротов М.Ф. интихоб гардид. Комиссия овозиҳии пинҳониро баргузор намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ 11 аъзои шуро иштирок намуданд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм-профессорон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: Тарафдорон - 11 нафар, зид - нест, бюлетенҳои беэътибор - нест.

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-082 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) **хулосаи мусбати** муқарризон, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шурои диссертатсиониро ба инобат гирифта, бо дарназардошти мубрамияти мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот, натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия мувофиқи бандҳои 93-94- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295)

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Бромад ва муҳокимаи диссертатсияи **Файззода Рамазон Хурсанд** дар мавзуи «Фаъолияти кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар баланд бардоштани меҳнат ва маишати занон дар охири

солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX»  барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) пешниҳод шудааст, баромади муқарризони расмӣ: **Зикриёева Малика Файзиевна –** аъзои шуро, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи  таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, ва **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна -** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, аз руйи ихтисоси (07.00.02 - Таърихи ватанӣ), баромади муқарризони ғайрирасмӣ, аъзоёни шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи муҳокимашаванда, натиҷаи **овоздиҳии пинҳонӣ** ва **хулосаи** шуро оид ба диссертатсия ба инобат гирифта шаванд.

2. Автореферат ва маводи илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

3. Ба Файззода Рамазон Хурсанд дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда шавад, ки қарори шурои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих ба **Файззода Рамазон Хурсанд** аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 - Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 - Таърихи ватанӣ) дастгирӣ намуда, барои ба **Файззода Рамазон Хурсанд** додани дипломи дараҷаи илмии номзади илм мусоидат намояд.

Ки тарафдори чунин қарори шурои диссертатсионӣ мебошад? Хоҳишмандем овоз диҳед. Тарафдорон: 11 нафар. Зид: нест. Бетараф нест. Якдилона қабул шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Қурбонов Б.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Ҷалилов М.Ш.**

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

"28" июли соли 2025
ҶМ